“Тасдиқ мекунам”
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор Насриддинзода Э.С.
____________________
“___” ______ соли 2025

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи Атаев Акмалхон Саидумарович дар мавзуи «Институти шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода шудааст.

Атаев Акмалхон Саидумарович соли 2004 филиали дар шаҳри Хуҷанд будаи Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистонро бо дипломи аъло дар шуъбаи рӯзонаи факултети тиҷорат ва ҳуқуқи донишкадаи болозикрро бо ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намудааст. Унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Мавзуи диссертатсияи унвонҷӯ бо қарори Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз 26 – уми январи соли 2017, таҳти № 5 тасдиқ шудааст.

Атаев Акмалхон Саидумарович дар давраи омода намудани диссертатсия муаллими калони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон мебошад.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз фанҳои "Таърих ва фалсафаи илм", "забони хориҷӣ" (англисӣ) ва ихтисос (12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ) аз ҷониби Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дода шудааст (№ 288 аз 26.12 соли 2022; № 289 аз 5.05 соли 2021; № 40 аз 27.05 соли 2022.).

Роҳбари илмӣ: Муртазозода Ҷ.С. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

**Дар натиҷаи муҳокимаҳо дисертатсияи мазкур аз ҷониби кафедра хулосаи зерин қабул шудааст.**

Таъмини мутобиқатии қонунгузорие, ки таъмини шаҳрвандонро бо нерӯҳои баркӣ, гармӣ, оби нӯшокӣ ба танзим медарорад ва барои эҳтиёҷоти аҳолӣ муҳим ҳисобида мешавад, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷараёни хизматрасонии комуналӣ яке аз муаммоҳои асосӣ шуморида мешавад. Беҳуда, Президенти Чумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд накарданд, ки "масъалаи дастрасии пурраи аҳолӣ ба оби тозаи нӯшокӣ аз ҳадафҳои аслии роҳбарияти давлату Ҳукумат маҳсуб ёфта, ин раванд дар мамлакат тавассути татбиқи тарҳҳои сармоягузорӣ ва ҷалби маблағҳои ҷумҳуриявӣ марҳила ба марҳила амалӣ карда мешавад."

Пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ ё ин ки таъмини захираҳои коммуналӣ, аз ҷумла танзими шартномавии онҳо дар асоси меъёрҳои қонунгузории Чумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи энергетика", «Дар бораи таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов», «Дар бораи

нигоҳдории биноҳои бисёрхонагӣ ва ширкатҳои соҳибмулкони манзил», Қоидаҳои пайвастшавӣ ба шабакаҳои муҳандисӣ ва хизматрасонии коммуналӣ ва Қоидаҳои истифодаи нерӯи барқ ба танзим дароварда мешавад. Муаллифи диссертатсия муносибатҳои шартномавиро дар соҳаи пешниҳоди хизматрасонии коммуналие, ки ҳангоми баамалбарории фаъолияти хоҷагидорӣ ба миён меояд, яке аз муаммоҳои ҷиддӣ мешуморад. Дар ин маврид масъала оид ба табиати ҳуқуқии шартномаҳои пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ ба миён меояд, ки он дар саволе оё шартномаи «Таъмини барқ», ки бо § 5, боби 35 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим мешавад, шартномаи мустақил ё намуди шартномаҳои хариду фурӯш, маҳсулотсупорӣ мебошад?, зоҳир мегардад. Ҳамзамон, зарурияти баҳои қонунгузории ҷории гражданӣ, аз ҷумла, масъалаҳои тағйир ва қатъи шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқиро танзимкунанда ба миён меояд. Дар ин маврид, дар айни ҳол дар илми ҳуқуқи маданӣ муайянкунии мавқеи шартномаҳои пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ дар низоми шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқии дар қонунгузорӣ пешбинишуда боиси зарурияти таҳқиқ кардани маҷмӯи масъалаҳои танзими ҳуқуқии пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ мегардад.

Маҳз дарки амиқу равшани моҳияти табиат ва мавқеи институти шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ дар низоми меъёрҳои ҳуқуқи мадании соҳаи таҳқиқшавандаро танзимкунанда мубрамияти таҳқиқи назариявии муаммоҳои танзими ҳуқуқии институти мазкурро нишон дода, барои амалӣ гардонидани татбиқи дурусти амалии онҳо имкон медиҳад.

Доир ба таҳқиқи баъзе масъалаҳои танзими ҳуқуқии хизматрасонӣ ҳамчун объекти ҳуқуқҳои маданӣ ва шартномаҳо дар доираи пешниҳоди хизматрасониҳо муаллифи диссертатсия шумораи зиёди асарҳои илмии олимони ватанӣ ба монанди, Ш.К. Ғаюрзода, Ш.М. Исмоилов, М.А.

Маҳмудзода, Ҷ.С. Муртазозода, М.З. Раҳимзода, Д.Ш. Сангинов, Ф.С. Сулаймонов, Ш.Т. Тағойназаров, Д.Д. Ҳошимов ва дигарон , ки ба масъалаҳои алоҳидаи захираҳои коммуналӣ ё худ пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ бахшида шудааст, истифода бурдааст.

Инчунин дар таҳқиқоти диссертатсионӣ асарҳои илмии олимони рус ба монанди М.М. Агарков, М.И. Брагинский, В.В. Витрянский, О.А. Городов, О.С. Иоффе, С.М. Корнеев, П.Г. Лахно, О.Н. Садиков, С.А. Свирков, Б.М. Сейнароев, Е.А. Суханов, А.М. Шафир ва дигарон, ки доир ба масъалаҳои танзими маданӣ-ҳуқуқии шартномаҳои пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ ва таъмини захираҳои коммуналӣ таҳқиқ гузаронидаанд, истифода шудаанд.

Таҳқиқотҳои илмии ҳам олимони хориҷӣ ба монанди А.В. Горбунов, М.В. Гулей, Ю.А. Кансер, Д.И. Михайлов, И.И. Рудченко, В.Е. Степанова, Л.В. Хисамутдинова ва ҳам олимони ватанӣ ба монанди Н. Шонасурдинов, С.А. Мирзоев ва Ҳ.Н Саидов дар соҳаҳои алоҳидаи таъмини хизматрасониҳои коммуналӣ ва танзими маданӣ-ҳуқуқии онҳо аз ҷониби муаллифи диссертатсия мавриди таҳлил дода шудааст.

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ омӯзиши маҷмӯии ақидаҳо ва назарияҳои илмӣ доир ба мафҳум, аломатҳои хизматрасонии коммуналӣ, мафҳум ва хусусиятҳои шартномаҳои пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ ва таҳлили қонунгузории ҷории Чумҳурии Тоҷикистон дар ин соҳа, инчунин коркард ва пешниҳод намудани тавсияю пешниҳодҳо баҳри боз ҳам мукаммалтар гардонидани институти шартномаи пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ ба ҳисоб меравад. Барои ноил гаштан ба мақсадҳои дар боло зикршуда аз ҷониби муаллифи диссертатсия вазифаҳои зерини таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошта шудаанд:

– дар асоси омӯзиши меъёрҳои ҳуқуқӣ, адабиёти илмӣ таҳлил кардани маҷмӯи масъалаҳои танзими ҳуқуқии хизматрасонии коммуналӣ;

– таҳқиқ кардани мафҳуми хизматрасонии коммуналӣ ҳамчун объекти махсуси ҳуқуқҳои маданӣ;

– муайян ва таҳлил намудани аломатҳо ва таснифоти хизматрасонии коммуналӣ;

– таҳлили манбаҳои танзими ҳуқуқии пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ;

– муайян намудани хусусиятҳои танзими шартномавии пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ;

– шарҳ додани тавсифи умумӣ ва таснифи шартномаҳои хизматрасонии манзилӣ-коммуналӣ;

– таҳлили шартномаи идоракунии биноҳои бисёрхонагӣ ва муайян кардани мавқеи он дар низоми шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ ва манзилӣ-ҳуқуқӣ;

– таҳлили шартномаи таъминоти барқ ва гармӣ ба аҳолӣ ва муайян намудани мавқеи онҳо дар низоми шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ;

– коркард ва пешниҳод кардани тавсияҳо, таклифу пешниҳодот баҳри мукаммал гардонидани институти шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ.

Диссертатсия яке аз аввалин таҳқиқотҳои диссертатсионии ба масъалаи институти шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ бахшидашуда ба ҳисоб меравад. Дар кори илмии мазкур масъалахои танзими маданӣ-ҳуқуқии шартномаҳо дар соҳаи пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ ба таври комлексӣ таҳқиқ шудаанд. Аз ин рӯ, навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки муаммоҳои мавҷуда дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ ошкору муназзам карда шуда, як қатор муқаррарот, таклифу тавсияҳои нав барои ислоҳи онҳо ва мукаммалгардонии минбаъдаи қонунгузорӣ оид ба пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ, алалхусус идоракунии биноҳои бисёрхонагӣ,

таъмини захираҳои коммуналӣ, ба монанди нерӯи барқ ва гармӣ пешниҳод гардида асоснок карда шудаанд.

Бо баробари таҳлил намудани бисёрпаҳлугии муаммоҳои дар ҷараёни пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ бароянда, муаллиф ҳаракат кардааст, ки бештар масъалаҳои мубрами то имрӯз баҳои дурусти назариявӣ ва танзими ҳуқуқии назаррас қабулнакардаро ба инобат гирифта аз ҷиҳати назарияҳои илмӣ ва амалия таҳқиқ намояд.

Хулоса, пешниҳод ва дастовардҳои унвонҷуй барои такмили қонунгузорӣ ва рушди соҳаи хизматрасонии коммуналӣ замина мегузорад. Ҳамзамон натиҷаҳои ҳосилшуда барои таҳияи барнома, стаpатегия ва консепсияҳои давлатӣ замина гузошта метавонад. Маводи диссертатсия ҳангоми тадриси фанҳои таълимии ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи тиҷоратӣ ва курси махсус “ҳуқуқи шартномавӣ” метавонад мавриди истифода гардад.

**I. Мақолаҳои илмии унвонҷуй, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

1. Атаев, А.С. Баъзе масъалаҳои табиати ҳуқуқии категоряи «пешкаш намудани хизматрасонии коммуналӣ» [Матн] / А.С. Атаев // Паёми Донишгоҳи милли Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – №7. – С. 252-256. ISSN 2413-5151.

2. Атаев, А.С. Общая характеристика договора энергоснабжения [Текст] / А.С. Атаев // Академический юридический журнал. – 2021. – №1 (37). – С. 205-211. ISSN 2305-0535.

3. Атаев, А.С. Договор управления многоквартирными домами: понятие, правовая природа и содержание [Текст] / А.С. Атаев // Законодательство. – 2021. – №2. – С. 38-46. ISSN 2410-2903.

4. Атаев, А.С. К вопросу о понятии, содержании и субъектного состава договора энергоснабжения: теоретико-правовой аспект [Текст] / А.С. Атаев // Вестник ТГУПБП. – 2021. – №3. – С. 113-124. ISSN 2411-1945X/

5. Муртазозода Ҷ.С., Атаев А.С. Оид ба масъалаи хусусиятҳои танзими шартномавии пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ. [Матн] / Ҷ.С. Муртазозода., А.С. Атаев. //Ҳаёти ҳуқуқӣ. Апрел-июн 2023. -№ 2 (42).- С. 78-89. ISSN 2307 – 5198.

**II. Мақолаҳои илмии унвонҷуй, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:**

6. Атаев А.С. Моҳияти назариявӣ-ҳуқуқии хизматрасонии коммуналӣ [Матн] // Маводи конференсияи анъанавии илмӣ-амалии донишгоҳии «Рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар низоми ташаккуёбии иқтисодиёти рақамӣ» (22-25 апрели соли 2020). Хуҷанд // Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. – С. 98-102.

7. К вопросу понятия и структуры платы за жилое помещение [Текст] // Маводи конференсияи илмӣ-амалии профессорон, омӯзгорон ва муҳаққиқони ҷавони ДДҲБСТ таҳти унвони «Илм ва инноватсия баҳри иҷрои ҳадафҳои илмӣ». Қисми 1. – Хуҷанд: Дабир, 2019. – С. 222-226.

8. Атаев, А.С. Манбаъҳои танзими ҳуқуқии пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ [Матн] // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯзгорон ва муҳаққиқони ҷавон таҳти унвони «Рушди илм ва инноватсия дар шароити рақамикунонӣ», ба ифтихори 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рӯзи илми тоҷик ва 30-солагии ДДҲБСТ (18-21 апрели соли 2023). Хуҷанд // Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва тиҷорати Тоҷикистон. – С. 40-45.

9. Атаев, А.С. Танзими шартномавии таъмини энергияи гармӣ [Матн] // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯзгорон ва муҳаққиқони ҷавон таҳти унвони «Рушди илм ва инноватсия дар шароити рақамикунонӣ», ба ифтихори 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рӯзи илми тоҷик ва 30-солагии ДДҲБСТ (18-21 апрели соли 2023). Хуҷанд // Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва тиҷорати Тоҷикистон. – С. 72-77.

**Ҳамин тавр аз ҷониби кафедра қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Атаев Акмалхон Саидумарович дар мавзуи “Институти шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ,” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12. 00. 03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ба талаботҳои бандҳои 31-37 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад ва муаллифи он арзандаи дарёфти дараҷаи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси интихобшуда мебошад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул шудааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 17 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: “тарафдор”-17 нафар, “зид”- 0 нафар, “бетараф”- 0 нафар.

Суратмаҷлиси таҳти № 05 аз 28-уми декабри соли 2024.

Раиси ҷаласа: мудири кафедраи ҳуқуқи
мадании факултети ҳуқуқшиносии
ДМТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор, Корманди шоистаи
Тоҷикистон: Ғаюрзода Ш.К.

Котиби ҷаласа: Саидов Ш. У.

Имзоҳои Ғаюрзода Ш.К. ва Саидов Ш. У.-
ро тасдиқ мекунам.
Сардори РК ва КМ ДМТ
“02” 01 соли 2025 Тавқиев Э.Ш.